## ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Неъматов Рамазон Ҳусниддинович дар мавзуи "Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ"(дар мисоли динишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пеншниҳод шудааст.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Неъматов Рамазон Ҳусниддинович дар мавзуи "Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ" яке аз масъалаҳои баҳсталаби ҷомеаи муосир ба шумор меравад.

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия.*** Масъалаи ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароити нави педагогӣ-иҷтимоӣ, амсилакунонӣ ё дигаргунсозии таҷрибавӣ, таҳлил ва ташкили корҳои тарбиявӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи кишвар қарор дошта, яке аз вазифаҳои марказии педагогикаи гузашта ва муосир ба шумор меравад, ки ин бо заминаҳои таърихии ворид шудан ба асри XXI дар шароити тағйирёбии мавҷуда ва назаррас дар ҳаёти иҷтимоию фарҳангии ҷомеа, яъне тамоили умумии арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароити муосир муайян карда мешавад. Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 33) таъкид месозад, ки оила асоси ҷомеа буда, таҳти ҳимояи давлат қарор дорад. Дар ин самт, маориф ҳамчун самти афзалиятнок бо фарҳанг ва арзишҳои муносибати оилавии ҷомеа алоқаманд буда, шарт ва зарур аст, ки ҳалли масоили амсилаҳои таҷрибавии омӯзишии ҷавонон ҳаллу фасл ва танзим карда шаванд. Дар ҷавонон ба вуҷуд овардан ва ташаккул додани арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ бе омӯзиши мукаммали асосҳои илм ва таҷрибаи ҳаёт, қонуну қоидаҳои дар ҷамъият

амалкунанда зиндагӣ кардан ва саҳм гузоштан дар рушду инкишофи ҷомеа ғайриимкон аст.

Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон, таҳлилу ташкили чараёни тарбия чун сифати таркибии шахсияти ҷавонон дар ҷомеаи муосир бо тағйирот дар низоми умумии таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бо талаботи шаклгирифта дар амалияи педагогӣ-иҷтимоӣ: ҷаҳонишавӣ, кам кардан ё ба эътибор нагирифтани хусусиятҳои усули тарбиявии қишри ҷомеа, ки шуури ҷавононро халалдор карда, амсилаи масъалаҳои инкишофёбии шахсият доир ба ҳамкории муштараки педагогию шахсӣ, давлати соҳибистиқлолро ба инобат намегирад, бо масоили консептуалии тарбияи ҷавонон, бо кофӣ набудани ташаккули тамоюлҳои оилавии ҷавонон, фарҳанги муколама ва ғайра бевосита вобаста аст.

Таърихи ташаккул ва инкишофи ҷомеаи башарӣ дар тӯли садсолаҳо исбот намуд, ки бе оилаи солим мавҷудияти ҷомеаи солим ғайриимкон аст. Дар ин росто Пешвои муаззами миллат чунин қайд намудааст: "Масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошад, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад". Пешвои миллат дар ҷараёни вохӯриҳои худ бо ҷавонони соҳибистеъдоди кишвар (2013) махсус таъкид намуда буданд, ки: "Мо сиёсати давлатии ҷавононро ба дараҷаи стратегияи давлатӣ баланд бардошта мавқеи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷавононро ҳаматарафа бояд омӯзем".

Бо назардошти нуктаҳои зикршуда, зарурати воқеии таҳқиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ» ба вуҷуд меояд. Дар баробари ин, муҳаққиқ Неъматов Р.Ҳ. дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ дар ботини ҷавонони донишҷӯ вобаста ба худмуайянкунии ҳаётӣ арзёбӣ кардааст.

Зеро муҳимтарин ва пурарзиштарин бозёфти иҷтимоию психологии ҷавонон ин кашф карда тавонистани ҷаҳони ботинии худ, таҷрибаомӯзӣ ва арзишҳои ҳаётан муҳим, муносибати оқилонаю дурандешона бо атрофиён, бо пайвандон ва шахсияти худро маҳсуб меёбад. Муаммои таҳқиқот хусусиятхои роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаҳои донишҷӯён дар низоми таҳсилоти олӣ ба раванди таълим ва таҳсилот алоқамандии зич дорад.

Муҳаққиқ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ якчанд ихтилофот вобаста ба ташаккул бахшидани тамоюли арзишҳои оилавиро ба инобат гирифта чунин зикр менамояд:

- ихтилоф байни зарурати ташкили раванди таъмини шароитҳои педагогӣ ҷиҳати ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ ва коркарду баррасии нокифояи асосҳои назариявӣ-методӣ ва технологии ташаккули онҳо;
- ихтилоф байни талаботи объективии иҷтимоии ҷомеа ва давлат нисбат ба ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ дар насли наврас, мақоми ҳақиқии оила дар ҷомеаи муосир, паст шудани мавқеи оилаи волидон, институтҳои иҷтимоӣ дар ҷамъият ва муассисаҳои таълимӣ дар раванди ташаккули оила бо назардошти шароитҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ;
- ихтилоф байни фаъолнокии субъективии худи ҷавонони донишҷӯ дар ташаккули тамоюлхои арзишҳои оилавӣ ва сатҳи пасти маърифати педагогии волидон ва тайёрии касбии педагогхо, фаъолияти якҷояи онхо ҷиҳати ташкили раванди мазкур.

Аз ин лиҳоз, месазад, ки таҳқиқоти мавриди баррасиро ниҳоят мубрам, саривақтӣ ва дархури ниёзҳои ахлоқии ҷавонони донишҷӯи ҷомеаи муосир арзёбӣ кунем.

*Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:*

Қабл аз ҳама, месазад дурустӣ ва фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалӣ, вазифаҳо ва фарзияи илмии мавзуи диссертатсияро қайд намоем. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузор намудаи Неъматов Рамазон, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзур намудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муҳаққиқ коркард ва пешниҳод карда шудааст.

Гузашта аз ин, дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва озмоишӣ масоили зиёди арзишҳои оилавии ҷавонони донишҷӯ дар ташкили раванди таълиму тарбия ба таври самаранок ҳаллу фасли худро ёфтаанд, ки аз навгониҳои дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд, масалан:

– мафҳуми "арзиши оилавӣ" ҳамчун дараҷаи илмӣ-педагогӣ дақиқ ва хислатҳои хоси он муайян шудааст;
– дараҷаи ташаккулпазирии арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди чавонони донишҷӯ, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои баҳодиҳии он ошкор шудааст;
– модели ташаккулёбии арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди донишҷӯён, таъминоти мундариҷавии он таҳия шудааст.
– шароитҳои психологӣ ва педагогии таъминкунандаи ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди чавонони донишҷӯ дар вазъи имрӯзаи рушди ҷомеа, аз ҷумла дар муҳити таълимгоҳҳо муқаррар карда шудаанд.

Нуктаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди тахкикот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва муҳтавои мантикии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

1.“Арзишҳои оилавӣ” ҳамчун мафҳуми сермаъное баррасӣ карда мешавад, ки принсипи умумӣ нисбат ба моделҳои рафтори инсон дар чаҳорчӯбаи фарҳанг ва ё ҷомеаи муайян тавассути раванди иҷтимоишавӣ, ки ба ақидаи фард оила дар давоми умри ӯ мусоидат менамояд. Даркнамоии арзиши оила аз тарафи ҷавонон, аз ҷумла ҷавонони донишҷӯ ба муносибатҳои байниҳамдигарии аъзоёни онҳо вобастагӣ дорад, масъулиятшинос будан дар масъалаҳои оилавӣ, худро аъзои ҳақиқии оила эҳсос намудан ва ғайра.

2.Асосҳои методологии мукаррар намудани моҳият ва мундариҷаи мафҳуми “оила” дар муносибатҳои зерин: интегративӣ, функсионалӣ, системавӣ- сохторӣ, фаъолиятнокӣ зоҳир гардида буданд. Бо такя ба муносибати мазкур, дар илми педагогӣ имконият фароҳам меояд, ки оила ҳамчун зуҳуроти арзишманди иҷтимоӣ баррасӣ ва дар ҷамъияти рушдкунанда тасаввур шуда, айни замон нисбат ба оила ҳамчун арзиши субъективӣ (шахсиятӣ) муносибат карда шавад.

3.Меъёрҳои ташаккулпазирии арзишҳои оила дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ нишондиҳандаҳои зеринро фаро мегирад: идеологӣ (ташаккули шуури ахлоқӣ; дарк намудани арзиши оила; нигоҳдорӣ ва давом додани урфу одатҳои оила), маърифатӣ- тарбиявӣ (омӯхтани донишҳои нав оиди муносибатҳои оиладорӣ, ташаккули нақшҳои иҷтимоии волидон ва ҳамсарон) ва фаъолиятӣ (доро будани малакаҳои иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ, ки дар зиндагии минбаъда заруранд).

4.Модели ташаккулпазирии арзиши оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ ба дастгирии раванди мазкур тавассути унсурҳои муҳити иҷтимоӣ асос ёфтааст ва дар шакли системаи мукаммалу бонизоми педагогӣ зоҳир мешавад.

5.Барои дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ самаранок ташаккул додани арзиши оилавӣ гурӯҳи зерини шартҳои педагогиро амалӣ намудан зарур мебошад:

- шартҳои ба ташаккули асосҳои ҷаҳонбинӣ равонашуда, ки ба ҷавонон чиҳати дарки оила ҳамчун муҳимтарин арзиши инсонӣ барои шахсияти алоҳида ва ҷомеа дар томӣ мусоидат намоянд;
- шартҳои асосҳои тарбиявӣ- маърифатиро фарогиранда;
- шартҳои ба асосҳои фаъолиятӣ такякунанда, ки дар онҳо таъсири байниҳамдигарии ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ, муассисаҳои таълимӣ ва оила барои ҷавононро ҳарчӣ бештар ба фаъолияти манфиатноки ҷамъиятӣ фаро гирифтани ҷавонон мусоидат мекарда бошанд.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:*

Мукаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок кардашуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи методикаи таълим, педагогика ва психология, кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқикот анҷом ёфтаанд.

Яке аз самтҳои хуби таҳкикоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки муаллифи рисола маводҳои дар чараёни таҳқиқот ба дастовардаро, ки муносибатҳои мавҷудаи илмҳои муосири педагогиро ба ташаккули арзишҳои оилавӣ ҷавонони донишҷӯро фаро гирифта барои ташкил намудани оилаи солим заминаи мусоид фароҳам меорад.

Муҳаккиқ такя бо дастовардҳои илмҳои педагогӣ-психологии муосир проблемаи таҳқиқотро мавриди омӯзишу пажухиш қарор дода, ҳам аз тачрибаи муҳаккиқони хориҷӣ ва ҳам аз дидгоҳи олимону пажуҳишгарони варзидаи ватанӣ ҳаматарафа омӯхта, таҳлил ва коркард намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниход карда, барои исботи андешаҳои худ аз осори илмии олимони маъруфи муосири тоҷику

хоричи кишвар андешаву мулоҳизаҳои хеле зиёду арзишмандро овардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро боз ҳам возеҳтар собит месозанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳо, конфронсҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва инчунин дар конфронсҳои байналмилалӣ суханронӣ ва маъруза намудааст.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ дар семинару конференсияҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишӣ, ки солҳои 2018-2023 дар кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ва кафедраи психологияи умумӣ ва педагогии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баргузор гардиданд, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

*Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия* бо мақсади самаранокии ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ *нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:*

- дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти минбаъда оид ба масъалаи мазкур воситаҳои методии ташхиси арзишҳои оила дар ҷавонони донишҷӯ, ки дар рафти таҳқиқи мо таҳия карда ва аз санҷиш гузаронида шудаанд, барои истифодабарӣ тавсия карда мешаванд;
- дар нақшаи таълимии муассисаи таҳсилоти олӣ курси махсуси «Назарияи тарбияи ҷинсӣ ва оилавии насли ҷавон ҷиҳати омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ» ҷорӣ карда шавад, ки он вобаста ба вазифаҳои мавҷудаи муҳаққиқони оянда такмил бахшида ва ё дигаргун карда шуданаш воҷиб хоҳад буд;

- ба ҳайати педагогии муассисаи таҳсилоти олӣ тавсия мегардад, ки дар фаъолияти хештан шароитҳои педагогиеро, ки ба ташаккули арзишҳои оилавӣ дар ҷавонони донишҷӯ таъсир менамоянд, ба роҳбарӣ бигирад.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:*

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалӣ. мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методии дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ баргузоршуда ироа ва баррасӣ шуда, дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли 9 мақолаҳои илмӣ аз он ҷумла 5 номгӯй дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:*

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ авторефератхо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба

пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ баровара шудааст.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:*

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикр шудааст диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия ба манфиат хоҳад анҷомид:

1. Дар диссертатсия адабиётҳое, ки овардашудаанд, қисме аз онҳо саҳифаи адабиёти зикршуда нишон дода нашудааст. Саҳ 20, 23.40.41.45, 46, 47. 48.
2. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба ҳеч ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертасияро коста намегардонанд.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Неъматов Рамазон кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.
2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.
3. Диссертатсияи Неъматов Рамазон Ҳуснидцинович дар мавзуи "Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ"(дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст. ба талаботи Низомнома

оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо карори Хукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмхои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
омӯзгори калони кафедраи
педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ                Сатторов А.Қ

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83, +992(901) 408848; E-mail: asroriddin@mail.ru

Имзои Сатторов А.К.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ:                Мустафозода А.